**Тақризи**

**муқаррizi расмӣ ба рисолаи номзадии Ниёзова Маҳина Тешаевна дар мавзӯи «Муқоисаи шахсияти таърихии Абӯалӣ ибни Сино бо образи ривоятию бадеии ӯ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти тоҷик) пешниҳод шудааст**

Рисолаи ходими илмии шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ Ниёзова Маҳина Тешаевна дар мавзӯи «**Муқоисаи шахсияти таърихии Абӯалӣ ибни Сино бо образи ривоятию бадеии ӯ**» таълиф шуда, аз муқаддима, се боб, хулоса, китобнома ва рӯйхати гӯяндагону манобеи мавод иборат мебошад.

Дар муқаддима муаллиф оид ба зарурати интихоби мавзӯъ, дараҷаи омӯзиш, таъйини мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, бозёфтҳои илмии диссертатсия, методологияи таҳқиқ ва арзишҳои назарию амалии он суханронӣ намудааст.

Мақсади асосии диссертатсияи номзадии Ниёзова М. таҳқиқ ва ошкор намудани чигунагии тасвири чеҳраи Абӯалӣ ибни Сино дар адабиёти бадеии шифоҳӣ ва хаттӣ дар заминаи нақлу ривоятҳо мебошад.

Воқеан, то ба имрӯз дар омӯзишу баррасии илмии чеҳраи бадеии Абӯалӣ ибни Сино дар асоси ривоятҳои китобию шифоҳӣ ягон таҳқиқоти комили илмӣ ба миён наомадааст ва мавзӯи интихобнамудаи диссертант тозаву пажӯҳишнашуда ва актуалӣ мебошад.

Аз маводи гирдовардаи муаллиф ва аз ишороту иқтибосҳои манобеъ дар рисола ба хубӣ аён мегардад, ки Маҳина Ниёзова якчанд сол дар таҳқиқи мавзӯъ заҳмат кашида, ворида кор шудааст ва ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштааст. Рӯйхати мақолаҳои таълифнамудаи диссертант низ аз он шаҳодат медиҳанд, ки ӯ паҳлуҳои гуногуни мавзӯъро амиқ омӯхтааст.

Боби аввали рисола зери унвони “Шахсияти таърихии Ибни Сино ва заминаҳои пайдоиши образи ривоятию бадеии ӯ” аз се фасл иборат мебошад. Фасли аввал – “Заминаҳои таърихии пайдоиши образи ривоятии Абӯалӣ ибни Сино”, фасли дувум “Таҳлили симои таърихии Ибни Сино” ва фасли севум “Шуҳрати Ибни Сино ва нақши ривоятҳо дар муайян намудани шахсият ва мусаввараи (образ)-и ӯ” унвон доранд.

Ин ҷо бояд аввал фасли “Таҳлили симои таърихии Ибни Сино” меомад, яъне аввал кӣ будани Синои таърихӣ матраҳ мешуд, сипас заминаҳои образи бадеии ӯ шарҳ меёфт.

Фаслҳои боби якум фарогири маводи хуби фолклорӣ ва адабиёти китобӣ буда, диссертант ҷо-ҷо аз манобеи таърихӣ низ далелҳо оварда, андешаҳои худро тақвият додааст.

Боби дуюми рисола бо сарлавҳаи “Тасвири шахсият ва симои Абӯалӣ ибни Сино дар ривоятҳои шифоҳии тоҷикӣ” фарогири 7 фасл мебошад. Муаллиф саъю кӯшиш кардааст, ба мавзӯи мутобиқи фаслҳо ривоятҳо оварда, баррасӣ намояд. Вале дар ин фаслҳо бештар тавсифи Абӯалӣ ибни Сино ва тасвири муҳтавои ба қалам омада, таҳлилҳои илмӣ камтар ба назар мерасанд. Бояд қайд намуд, ки муаллиф дар фасли севуми боби дуюм “Симои Синои омӯзгор дар нақлу ривоятҳои мардумӣ” дар масъалагузорӣ ва таҳлилу баррасиҳо ба муваффақият комёб шудааст.

Агар диссертант фасли якуми ин бобро, ки ба инъикоси дониши тиббӣ ва ҳунари пизишкии Абӯалӣ ибни Сино дар ривоятҳои мардумӣ бахшида шудааст, ба зерфаслҳо тақсим мекард, ҳадафҳо равшантар мегаштанд. Зеро ҳам ҳаҷми фасл калонтар аст (27 саҳифа) ва ҳам баёни матолиб якрангу якнавохт сурат гирифтааст. Онро ба зерфаслҳои:

– Ташхиси беморӣ;

– Беҳдошти бадан (гигиена);

– Тибби ирратсионалӣ ва амсоли инҳо тақсим кардан мумкин буд.

Боби сеюми рисола - “Образи Сино дар ривоятҳои адабиёти хаттӣ” аз се фасл иборат мебошад. Ин боб аз фаслҳои “Симои (портрети) Абӯалӣ ибни Сино дар тазкираҳо ва осори адабӣ”, “Тасвири сиришту хисоли (характер)-и Ибни Сино дар рисолаҳо, сарчашмаҳои илмӣ-таърихӣ ва адабиёти бадеӣ” ва “Образи Абӯалӣ ибни Сино дар тасаввур ва осори рӯҳониёни мутаассиб” таркиб ёфтааст. Унвонҷӯ М. Ниёзова кӯшидааст, ки портрету характери Абӯалӣ ибни Синоро мабно бар сарчашмаҳои бадеӣ-таърихӣ тавзеҳ дода, инчунин муносибату тасаввуроти рӯҳониёни мутаассиб, ки дар баъзе ривоятҳо ва маълумоти манбаъҳо қайд шудаанд, дар ин боб матраҳ намояд. Бояд икрор шуд, ки овардани мавод, баррасӣ ва истинод дар фаслҳо хеле хуб сурат гирифтаанд.

Дар фарҷоми рисола хулосаҳои диссертант дар 5 параграф зикр шудаанд, ки ба таври куллӣ матолиби мавриди баҳс ва дастовардҳои рисоларо дар бар мегиранд.

Хубиҳо ва муваффақиятҳои рисола зиёданд, аммо азбаски мавзӯи мавриди пажӯҳиш васеъ мебошад, дар он баъзе камбудиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки дар поён мо ба чанде аз онҳо ишора мекунем.

1. Унвони диссертатсия («Муқоисаи шахсияти таърихии Абӯалӣ ибни Сино бо образи ривоятию бадеии ӯ») ва мақсади асосии муҳаққиқ аз ҳам тафовут доранд. Мақсади асосии диссертатсияи номзадии Ниёзова М. “таҳқиқ ва ошкор намудани чигунагии тасвири чеҳраи Абӯалӣ ибни Сино дар адабиёти бадеии шифоҳӣ ва хаттӣ дар заминаи нақлу ривоятҳо” буда, дар он мафҳуми “муқоисаи шахсияти таърихӣ бо образи ривоятию бадеӣ” дида намешавад. Ҳамин нукта дар вазифаҳо низ ишора нашудааст.

2. Дарачаи омӯзиши мавзӯи диссертатсия чандон возеҳ кушода нашудааст. Муаллиф дар ин қисми муқаддима, асосан, ба шарҳу тавзеҳи маводу манобеъ пардохтааст.
3. Дар фаслҳои боби дувум баррасиҳо якранг ва тавсифӣ шудаанд. Хеле хуб мешуд, ки диссертант вобаста ба мавзӯи фаслҳо аз истилоҳоти ҳамон соҳа ба кор мебурд. Масалан, ҳангоми баррасии маҳорати равоншиносии Сино аз истилоҳоти маъруфи соҳаи психология истифода мекард, ё дар мавзӯи кайҳоншиносӣ аз осори ба нуҷум бахшидаи Ибни Сино ёдовар мешуд. Бояд муҳаққиқ дар бораи илмҳои марбут ба ривоятҳои мавриди таҳлил тасаввуроти умумӣ дошта бошад ва мазмуни ривоятҳоро нағз кушода тавонад.
4. Масъалаи иқтибосгирӣ дар диссертатсия нисбатан заиф мебошад. Мавқеи муаллиф аз овардани иқтибосот чандон равшан нест: оё ӯ бо андешаи иқтибосшаванда мувофиқ аст, ё зидди он буда, далелҳои худро дорад. Барои иқтибос бояд зарурат вуҷуд дошта бошад, пораи иқтибосӣ бояд ба ҳалли ягон масъала мусоидат намояд. Баҳсҳо хеле кам ва мустадлал нестанд.
5. Диссертант байни жанрҳои «нақл» ва «ривоят» тафовут намегузорад. Барои хонандаи одӣ, ё намояндаи дигар соҳаҳо шояд чандон аҳамият надошта бошад, аммо вақте ки як нафар муҳаққиқи фолклор ё адабиётшинос пажӯҳиш мебарад, бояд ба ин нозукиҳо таваҷҷуҳ дошта бошад.
6. Ниёзова М. баъзан истилоҳотро нодуруст кор мефармояд, ки дар натиҷа ба моҳият ва мазмуни матн таъсири манфӣ мерасонад. Чунончи, унвони фасли 4-уми боби дувум «Истеъдоди кайҳоншиносии Абӯалӣ ибни Сино аз рӯи ривоятҳо» мебошад. Ин ҷо истилоҳи «кайҳоншинос» ғалат аст, бояд ситорашинос ё мунаҷҷим бошад. Мафҳуми «кайҳон» аз «ситора» фарқи калон дорад.

7. Инчунин диссертант дар қатори он олимоне, ки оид ба Ибни Сино мақолаву рисолае навиштаанд, дар якчанд мавридномиантропологи англис Э.Б. Тэйлорро овардааст, ки таълифоти ӯ ба Абӯалӣ ибни Сино хеҷ алоқа надорад. Ягона китоби ӯ «Маданияти ибтидоӣ» («Первобытная культура») ба зиндагии одамони ҷамъияти ибтидоӣ бахшида шудааст.

Бо вуҷуди ин камбудиҳои ҷузъӣ, ки арзиши илмии рисоларо кам намегардонанд, рисолаи Ниёзова Маҳина Тешаевна дар мавзӯи «Муқоисаи шахсияти таърихии Абӯалӣ ибни Сино бо образи ривоятию бадеии ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти тоҷик) асари анҷомёфта ба шумор рафта, ба тамоми талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филология мебошад. Автореферат мақолаҳои чопшудаи муаллиф мазмуни диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос мекунанд.

**Раҳимӣ Дилшод Камолзода**
номзади илмҳои филология,
муовини директори
Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг
ва иттилооти Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон

16 ноября 2018 с.

Нишонӣ: ш. Душанбе, хиёбони Неъмат Қарабоев 17,
Почтаи электронӣ: dilshodr@gmail.com
Телефон: 907-84-27-85

Имзои Раҳимӣ Дилшод Камолзодаро тасдиқ менамоям
Сардори шӯъбаи кадрҳои Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот
Ҳасанова Рӯзигул __________ «16» 11 2018

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ